# Ҳеҷ мусалмоне нест, ки вузӯ бигирад ва онро ба хубӣ анҷом диҳад, пас аз вузӯ бархезад ва ду ракъат намоз бо ҳузури дил ва таваҷҷуҳи комил (бо хушуъ ва хузуъ) бихонад, магар ин ки биҳишт бар ӯ воҷиб мегардад

Аз Уқба ибни Ъомир (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Мо шутуронамонро бо навбат ба чаро мебурдем. Вақте навбати ман расид, шутурҳоро бегоҳ баргардондам ва Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дидам, ки рост истода бо мардум суҳбат дорад. Аз суханонаш ман инро дарёфтам, ки мегуфт: "Ҳеҷ мусалмоне нест, ки вузӯ бигирад ва онро ба хубӣ анҷом диҳад, пас аз вузӯ бархезад ва ду ракъат намоз бо ҳузури дил ва таваҷҷуҳи комил (бо хушуъ ва хузуъ) бихонад, магар ин ки биҳишт бар ӯ воҷиб мегардад". Уқба мегӯяд: Гуфтам: Ин сухан чи қадар олӣ аст! Ногаҳон касе дар пеши ман гуфт: Сухане, ки қабл аз ин гуфт, олитар буд. Ба ӯ нигаристам, дидам, ки Умари Форуқ буд. Гуфт: Ман туро дидам, ки каме пештар омадӣ. Сипас Умар аз Паёмбар нақл кард, ки фармуд: "Ҳеҷ яке аз шумо нест, ки таҳорат кунад ва онро ба таври комил анҷом диҳад, сипас бигӯяд: "Ашҳаду ал-ло илоҳа иллаллоҳ ва анна Муҳаммадан абдуллоҳи ва расулуҳу" (Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ҷуз Аллоҳ ва Муҳаммад бандаи Ӯ ва расули Ӯст), магар ин ки ҳашт дари биҳишт барояш кушода мешаванд ва ӯ метавонад аз ҳар кадоме, ки хоҳад, дарояд."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳангоми суханронӣ бо мардум ду фазилати бузургро баён карданд: Аввал: Ҳар касе ба таври комил ва хуб вузӯ бигирад ва онро чунон ки дар суннат ворид шудааст анҷом диҳад ва ҳар узвашро бо миқдори лозими об бишӯяд, сипас бигӯяд: Ашҳаду ал-ло илоҳа иллаллоҳ ва анна Муҳаммадан абдуллоҳи ва расулуҳу" (Шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ҷуз Аллоҳ ва Муҳаммад бандаи Ӯ ва расули Ӯст), магар ин ки дарҳои ҳаштгонаи биҳишт барояш кушода мешаванд ва ӯ метавонад аз ҳар кадоме, ки хоҳад, дарояд. Дуввум: Касе, ки ин вузӯи комилро анҷом дод, баъд аз он истода ду ракъат намоз хонд, бо ҳузури дилу таваҷҷуҳи комил, бо фурӯтанӣ ва шикастанафсӣ, рӯй ва ҳамаи аъзои бадани худро ба Аллоҳ таслим намуд, магар ин ки биҳишт барои ӯ воҷиб мешавад.